
РАҲМАТ НАЗРӢ
ШИРИНКОМА




ISBN 978-9

КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Ме тоу2
Н-19

Раҳмат Назрӣ

# ШИРИНКОМА

8/7
23777



ТҶБ «Истиқбол»
Душанбе – 2012

# ШИРИ МОДАР

Додам ба нинӣ
Андаки андак
Шираи ангур,
Ҳалвои қандак.

Аз оби шаҳтут,
Аз шири анҷир,
Аз мағзи бодом
Шуд ишкамаш сер.

Аммо каме боз
Нинӣ малол аст,
Ба шири модар
Дилаш кашол аст.



# ҲАДЯ

Ҳадя барои момо
Як дона себ бурдам.

Аввал салом додам,
Пас дасти ӯ фишурдам.

Аз кисаам ба момо
Ман себи худ супурдам.

Дандон надоштаст ӯ,
О, ман ба вай чӣ бурдам?!

Худ ҳадяи худамро
Охир газида хӯрдам.



## ЛАБТАНБӮР

Марҷон дафи худро надод,
То бо дафи ӯ даф занам.
То кай тамошояш кунам?
То кай барояш каф занам?

Фарзон найи худро надод,
То бо найи вай най кашам.
Оҳе аз ин, оҳе аз он
То кай кашам, то кай кашам?

Ангушт пас бар лаб задам,
Лабҳои ман танбӯр шуд.
Бо сози лабтанбӯри ман
Охир дафу най ҷӯр шуд.





# МЕҲМОН

Дар хонадони мо,
Дар гирди хони мо –
Меҳмони меҳрубон,
Меҳмони хушзабон.

Ширин сухан кунад,
Таърифи ман кунад.
Гӯяд, манам аҷаб
Донову боадаб.

Гӯяд ба ман маро
Гапгиру гапдаро.
Бо интизоми худ
Арзам ба номи худ.

Дар рӯ ба рӯйи ӯ
Аз гуфтугӯйи ӯ
Дар куртаи навам
Дилтанг мешавам.

Хомӯш дар канор
Оромаму қарор.
Осуда шиштаам,
Беҳуда шиштаам.

Эй кош, тезтар
Меҳмон равад бадар,
То ман кунам зи нав
Шӯхию хезу дав!

## ЗОЧАБОЗӢ

Ман зочаи худамро
Аз рӯи нағзбинӣ,
То гиряро кунад бас,
Додам ба дасти нинӣ.

Нинӣ ба зочабозӣ
Овора гашту хап шуд.
Аз гиря ӯ дигар монд,
Аммо ба ман чӣ гап шуд?

Якбора аз кучое,
Эй оча, оча, оча,
Бин, гиряи худи ман
Омад барои зоча.



# ДАРАХТИ БОБО

Бодом гул кард,
Гул кард бодом.
«Додо!» маро гуфт
Бо меҳр додом.

Ҳамноми ман буд
Додои додом.
Аз вай нишона
Мондаст бодом.

Гулрезу гулбез
Бодоми бобом.
Ман ҳам бисабзам
Бо номи бобом!



# ҶОМАИ СЕДОДАРОН

Ноаён кам-кам Рашид
Қад кашиду қад кашид.
То худаш огоҳ шуд,
Ҷомааш кӯтоҳ шуд.

Ҷомаашро бо умед
Додараш пӯшида дид.
Дар танаш будаст соз,
Не кушоду не дароз.

Чун акои худ Анӯш
Баччаи озодапӯш.
Ҷомаашро бо субот
Дорад ӯ □ам эҳтиёт.

Чун ки онро баъди ӯ
Боз пӯшад Орзу.
Орзу гӯлак ҳанӯз,
Гӯлаки лӯлак ҳанӯз.





## КӢ КАЛОН?

Дар фикр бандам
Аз субҳ то шом:
Нинӣ калон аст
Ё ин ки бобом?

Зеро бубинед,
Нинии хандон
Монанди бобом
Дорад ду дандон!

## МОМОҶАВОБАК

Момоҷавобак
Дар кӯҳсорон
Пинҳон таги чар,
Дар зери горон.

Кардам садое,
Кардам нидое.
Омад ҷавобаш
Зуд аз куҷое.

Овоз додам,
Овоз ӯ дод.
Фарёд кардам,
Ӯ кард фарёд.

Ҳар он чӣ гуфтам,
Ӯ бехато гуфт.
Як бор гуфтам,
Ӯ борҳо гуфт.

Ӯ дил биҷӯяд,
Гар дил биҷӯйӣ.
Ӯ бад нагӯяд,
То бад нагӯйӣ.

Раҳмат Назрӣ
**ШИРИНКОМА**
(Маҷмӯаи шеърҳо барои кӯдакони синни томактабӣ ва хурди мактабӣ)

Муассис: Латофат Кенҷаева
Муҳаррир: Ҷӯра Ҳошимӣ
Мусаввир: Олим Камолзода
Ороишгар: Комрони Раҳмон
Мусаҳҳеҳ: Ганҷина Муллоҷонова

Ба чоп 25/06/2012 супорида шуд.
Ба чопаш 07/07/2012 имзо шуд.
Андозаи 60х84 1/16 Коғази офсет №1.
Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,5.
Теъдод 5000 нусха.
Нархаш шартномавӣ.



ISBN 978-99947-53-76-5

9 789994 753765

ТҶБ «Истиқбол», 2012, ш. Душанбе,
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
Тел: (99237) 238-53-01, (918) 82-94-75
E-mail: istiqbol.tj@list.ru
Website: www.istiqbol.org

Дар интишороти «Imak-ofset» ба нашр расидааст